**Суратмаҷлиси № 4**
ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D. КОА-036
назди Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи
Сотим Улуғзода

аз 22 феврали соли 2025 ш. Душанбе

**Иштирок доштанд:** аз 11 нафар аъзои Шурои диссертатсионии бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми феврали соли 2023, № 18/шд тамдидгардида, 10 нафар иштирок доранд, ки аз онҳо 5 нафарашон мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб мераванд. Пешниҳод шуд, ки ҷаласаи Шуро гузаронида шавад. Муҳтарам аъзои Шуро, ягон пешниҳоди дигар нест? Нест. Пешниҳод якдилона ҷонибдорӣ карда шуд.

**Рӯзномаи ҷаласа:**

1. Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи **Иброгимова Машҳурахон Тураҷоновна** дар мавзуи **«Майдони функсионалӣ-семантикии локативӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ»** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ – таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ)

**Шунида шуд:**

Аз рӯйи масъалаи мазкур раиси комиссияи эскпертии Шурои диссертатсионӣ Қосимов Олимҷон Ҳабибович, аъзои комиссияи экспертӣ Абдуллоева Гулрухсор Зиёдуллоевна ва Насруллоев Муҳаммад Нуруллоевич баромад намуданд (хулосаи комиссияи экспертӣ замима мегардад).

**Қарор карда шуд:**

1. Диссертатсияи **Иброгимова Машҳурахон Тураҷоновна** дар мавзуи **«Майдони функсионалӣ-семантикии локативӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ»** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз

рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ – таърихӣ, қиёсӣ ва мукоисавӣ) ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:

- **Раҳмонова Наргис Шарифовна -** доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забонҳои хориҷии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- **Комилов Мирато Миршаробович** – номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи давлатии омӯзгорӣ ба номи Садриддин Айнӣ.

3. Ба сифати муассисаи пешбар **Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав** таъйин карда шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои ДБЗХТ ба номи Сотим Улуғзода ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва фиристодани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

6. Таърихи баргузории ҳимоя 10.05.2025, соати 13:00 таъйин карда шавад.

**Қарор қабул карда шуд:** якдилона.

Раиси Шурои диссертатсионӣ,
доктори илми филология, профессор Турсунов Ф.М.

Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,
доктори илми филология, дотсент Ҳасанова Ш.Р.